**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда шудааст.**

*Аз «19» 12 соли 2025* *ш.Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. – раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ., ва н.и.и. Убайдуллоев Ф.К. – аъзоёни комиссия аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо хулосаи зеринро қабул намуд:

**1.Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ**

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), мувофиқат мекунад.

Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо, 29 – уми майи соли 1988 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо унвонҷӯи кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо соли 2015 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ аз 6 – уми марти соли 2018, қарори №9 тасдиқ гардидааст. Роҳбари илмии унвонҷӯ Султонов Зоир Султонович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъин шудааст.

Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4(хуб), таърих ва фалсафаи илм 4(хуб), ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 5.2.17. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар ҷаласаи кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба таври ошкоро аз 24 январи соли 2025, суратмаҷлиси №6 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудӣ ва пешниҳодҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

**2. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо «Такмили андозбандии муассисаҳои олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

**3. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаи диссертатсия дар зиёда аз 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

тавсияшаванда дарҷ гардидааст, ки ба талаботи банди 35-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,» ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, мувофиқат мекунад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**4. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**5. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо «Такмили андозбандии муассисаҳои олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шавад:

- **Қодирзода Хуршед Қодир –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи андозбандӣ ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- **Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович –** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси молия, дотсенти кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Шарифзода Б.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Хайрзода Ш.Қ.

номзади илмҳои иқтисодӣ,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Убайдуллоев Ф.К.